Тақриз

**ба автореферати диссертатсияи Фозилов Ҷалолиддин Дусмуродович дар мавзуи «Хусусиятҳои агроэкологии навъҳои интродуксионии олу дар шароити ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05. - Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ пешниҳод шудааст.**

Гузаштан ба муносибатҳои иқтисоди бозоргонӣ, сохтори нави хоҷагидорӣ, ҳамроҳшавии ҷумҳурӣ бо ташкилоти умумиҷаҳонии савдо кишоварзон ва боғпарваронро вазифадор мекунад, ки бештар маҳсулотҳои ба талаботи бозори дохилию беруна ҷавобгӯ бударо истеҳсол намоянд.

Олу яке аз дарахтони донакдори тез ҳосил диҳанда ва мевааш дорои хусусиятҳои беҳтарини табобатию ғизоӣ ба ҳисоб рафта, имрӯз дар бозори дохилию беруна меваи тару тоза ва коркарди саноатии он мизоҷони худро пайдо кардааст.

Дар рушди боғпарварии ҷумҳурӣ дарахтони донакдор, аз ҷумла, навъҳои интродуксионии олу барои амалӣ гардонидани нақшаҳои стратегии ҳукумат, ҷиҳати таъмини амнияти ғизоӣ нақши муҳим дорад.

Зеро унвонҷу Фозилов Ҷ.Д. корҳои илмии худро оид ба хусусиятҳои агроэкологии навъҳои нави интродуксионии олу дар ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон равона намуда, ба натиҷаҳои назаррас ноил гаштааст.

Кори диссертатсионии Фозилов Ҷалолиддин Дусмуродович кори анҷомдодашудаи илмию тахассусӣ буда, дорои навгониҳои илмӣ ва натиҷаҳои эътимоднок мебошад.

Навгони мавзӯи таҳқиқот аз он иборат мебошад, ки дар асоси омӯзиши ҳамаҷониба гузариши марҳилаҳои фенологӣ, хусусиятҳои биоморфологӣ, агроэкологӣ, селексионӣ ва мутобиқшавии 8 навъи нави интродуксионии олу дар шароити агроэкологии ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон муайян кардааст. Ҳамзамон устувории навъҳо ба касалиҳои асосии занбӯруғӣ, дараҷаи осебрасонии ҳашаротҳои зараррасон, ҳосилнокӣ, таркиби биохимиявии мева ва самарнокии иқтисодии навъҳои нави интродуксионии олу дар шароити минтақа амалӣ намудааст.

Аҳамияти тадқиқотҳои илмии муаллиф дар он аст, ки дар натиҷаи гузаронидани таҷрибаҳои илмӣ ба истеҳсолот пешниҳод намудани навъҳои ояндадори дорои ҳосили баланд ва хушсифати дарахтони олу мебошад. Инчунин, баҳодиҳии навъҳои нави интродуксионии олу вобаста аз сифати молӣ, мутобиқат ба шароитҳои минтақаи парвариш, ҳосилнокӣ навъҳо муайян карда шудааст.

Фозилов Ҷ.Д. дар раванди тадқиқот пешниҳод менамояд, ки бо тавсияи олимони Институти хокшиносӣ ва агрохимияи Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, ки барои баланд бардоштани ғизонокии хоки Кооперативи тиҷоратию истеҳсолии “Сомонҷон”-и ноҳии Данғараи вилояти Хатлон истифода бурдани нуриҳои маъданию органикӣ бо чунин меъёр, ҷиҳати боз ҳам баланд гардидани ҳосилнокии дарахтон ворид намудани нуриҳои органикӣ ба миқдори 30-40 т/га дар се-чор сол як маротиба, истифодаи нурии маъдании Р-100 кг, К-100 кг ва N-120 кг истифода бурда шавад, ки ин меъёр вобаста ба структураи хоки қитъаи таҷрибавиаш тавсияшаванда мебошад.

Рисолаи илмӣ дороӣ ҷанбаҳои баланд ва арзишноки назариявӣ ва амалӣ буда, моҳияти ҳосилнокӣ ва самараноки иқтисодии парвариши навъҳои нави олуро вобаста ба шароити минтақаи парвариш инъикос менамояд. Натиҷаҳои тадқиқот дар интишороти илмӣ инъикоси пурраи худро ёфтаанд.

Автореферати диссертатсия мазмуни асосии таҳқиқоти гузарондашударо ифода намуда, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллифи он Фозилов Ҷалолиддин Дусмуродович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз руйи ихтисоси 06.01.05.-Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:** номзади
илмҳои кишоварзӣ, аз рӯйи ихтисоси
06.01.01-зироаткории умумӣ, растанипарварӣ,
мудири шуъбаи агрохимияи Институти
хокшиносӣ ва агрохимияи АИКТ М.Д. Атахонова

Суроға: 734018, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
н. Фирдавсӣ, кӯчаи Карабаева, бинои 7, ҳуҷраи 19,
тел: (+992) 907-47-10-85, E-mail: atakhonova@mail.ru

Имзои М.Д. Атахоноваро - ро тасдиқ менамоям:
Сармутахассис оид ба кадри Институти
хокшиносӣ ва агрохимияи АИКТ У.Н. Исоев

Суроғаи муассиса:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рудакӣ 21а,
тел:. (+992-37) 221-19-79, 221-32-07,
E-mail: khokshinos@mail.ru

5 декабри соли 2025